# ТАҚРИЗ

ба кори диссертатсионии Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич **дар мавзуи «Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 - Сохтмони гидротехникӣ) пешниҳод шудааст.

**Интишорот.** Доир ба натиҷаҳои таҳқиқот 23 мақола ба нашр расидааст, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст ва 15 - тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ва маводи конфронсияҳои илмии сатҳҳои гуногун нашршуда ташкил менамоянд. Инчунин, муаллиф 5 дастури методӣ омода намуда, соҳиби 1 патенти хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами № TJ 1417 аз санаи 25 августи соли 2023 мебошад.

**Саҳми шахсии муаллиф**.

Муаллиф мақсад ва масъалаҳои таҳқиқотиро аниқ ифода намуд, роҳҳои ҳалли назариявӣ ва таҷрибавии онҳоро муқаррар кард, усули ҳисоби ҳолати шиддатнокӣ – шаклдигаркунии конструксияро муайян намуда, ҳолати техникӣ – коршоямӣ нақби гидротехникиро баҳогузорӣ кард, инчунин натиҷаҳои ба дастовардаро ҷамъбаст намуда, хулосабарорӣ кард.

Диссертатсия ба бандҳои 2 ва 3-уми шиносномаи илмии ихтисосҳои 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07. – Сохтмони гидротехникӣ) мутобиқат мекунад:

2. Асосноккунии илмии усулҳои нави ҳисобкунӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон ва истифодабарии иншоотҳои бетонии обнигоҳдории гиреҳҳои дарёӣ; такмилдиҳии усулҳои амсиласозии физикӣ ва математикии шароитҳои кории иншоотҳои гидротехникии бетонӣ дар шароитҳои гуногуни иқлимӣ; такмили заминаи меъёрии лоиҳакашии иншоотҳои бетонии гидротехникӣ.

3. Коркарди самтҳои нави пешгӯии ҳолати шидатнокӣ-шаклдигаркунии иншоотҳои гидротехникии зери фишор ва бефишор қарор дошта; такмил додани усулҳои муайян кардани намудҳои гуногуни борҳои иншоотҳои гидротехникии дарёи, биноҳо ва турбинаҳои зерисгоҳи НБО; асоснок кардани роҳҳои баланд бардоштани эътимоднокӣ ва устувории иншоотҳои нақлиётию обӣ.

Номгӯи мавзуи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 05.23.07. – Сохтмони гидротехникӣ мутобиқат мекунад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.**

Бояд гуфт, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои пешбинишуда ва самаранок истифода бурдани иқтидори истеҳсолии ҷумҳурӣ омили беруниро, ки ба иҷрои вазифаҳои ба миён гузошташуда таъсири манфӣ расонда метавонад, ба назар гирифтан лозим аст. Яке аз чунин омилҳо қувваҳои сейсмикӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, қайдҳои дар боло зикршуда зарурати гузаронидани таҷрибаҳои навро ба миён меорад, ки барои такмил додани меъёрҳои сохтмонии иншоотҳои гидротехникӣ ва обгузаронӣ дар минтақаҳои хавфноки сейсмикӣ, инчунин таъмини эътимоднокӣ ҳангоми истифодабарии онҳо вазифаи хеле таъхирнопазир ба шумор меравад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Дар кори диссертатсионӣ натиҷаҳои зерини таҳқиқоти илмии ба дастовардашуда, ворид карда шуданд:

1. Омилҳои геологӣ (литологияҳои гуногун ва тавсифоти массиви ҷинсҳои кӯҳӣ), ки ба хосиятҳои мустаҳкамии ҷинсҳои массиви кухӣ дар ҳудуди нақби гидротехникии Данғара таъсир мерасонанд.

2. Амсиласозии рақамии ҳолати шиддатнокӣ – шаклдигаркунӣ нақби обгузарон дар мисоли D-1 НБО – и Роғун ва коркарди пешниҳодҳо оиди зиёдкунии ғафсии тахтасанги зери нақб ва армиронии асоси тахтасанг то ғафсии 5 м.

3. Коркарди конструксияи зилзилатобовари намуди аркагии қубурҳои обгузарон.

4. Пешниҳодҳо оиди интихоби намуди махкамкунӣ дар асоси мушоҳидаҳо ва таҳқиқотҳои пеш санҷидашуда, бо назардошти элементҳои асосии онҳо, барои қитъаҳои гуногуни нақби гидротехникӣ бо ҳисоби фарқияти аслии геометрӣ ва литологӣ.

**Дараҷаи нав будани хар як натиҷаи илмӣ (мавқеъ), хулоса ва хулосаи унвонҷӯ, ки дар рисола таҳия шудааст.**

Аҳамияти истисноӣ барои татбиқи илмӣ ва амалии маълумотҳои системавӣ, ки дар кори диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд, таҳия, асосноккунӣ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи тадқиқоти назариявӣ оид ба раванди таҳқиқшаванда - баланд бардоштани эътимоднокии таъмини устувории сейсмикии иншооти гидротехникӣ мебошад.

Тамоми коре, ки муаллиф дар маҷмӯъ анҷом додааст, аз ҷумла ҷамъоварии маълумотҳои ибтидоӣ, мушоҳидаҳо ва ҷамъоварии иттилооте, ки дар бораи объектҳои тадқиқшуда анҷом дода шудаанд, таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ барои расидан ба ҳадафи дар пеш гузоштагшуда нигаронида шудаанд.

**Камбудиҳои мазмун ва тартиби диссертасия.**

1. Дар диссертасия саҳифаи 108, расми 4.2, ду намуди буриши кӯндалангии конструксияи нақбро пешниҳод намудед фарқияти байни онҳо дар чи мебошад?

2. Дар автореферат расми 2, ҳисоби амсиласозии математикии нақби обгузарон дар мисоли D-1 нақби НБО-и Роғун овардед, ки таҳкурсиаш то 5м ѓавси дошта дар истеҳсолот истифодашудааст ё ин ки не?

**Мутобиқати рисола ба талаботи фасли 10 «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ».**

Камбудиҳои ошкоргардида ба ҳолати воқеии кори диссертатсионӣ ва ба баланд будани дараҷаи илмӣ – тадқиқоти таъсир намерасонад.

Ҳамин тавр, ҳамаи гуфтаҳои боло ба мо имкон медиҳанд ба хулосае оем, ки кори рисолаи номзадии Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич дар мавзуи «**Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара**» кори анҷомёфтаи илмию тадқиқотӣ дар мавзўи актуалӣ буда, ба мавзуи муқарраршуда ҷавобгуй мебошад. Талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба корҳои монанд аз руи ихтисоси 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 - Сохтмони гидротехникӣ) ва муаллифи он сазовори гирифтани унвони зарурии номзади илмҳои техникӣ аз руи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

доктори илмҳои геология ва минералогия,
профессор сармутахассиси
лабораторияи Институти геология,
сохтмони ба заминҷунбӣ
тобовар ва сейсмологияи АМИТ — Валиев Ш.Ф.

н.и.т., мудири лабораторияи,
зилзилатобоварии иншоотҳои
гидротехникии ИГСЗТС АМИТ — Ядгоров Ё.Х.

Имзоҳои Валиев Ш.Ф. ва Ядгоров Ё.Х-ро
тасдиқ мекунам.

Сардори Шуъбаи кадрҳо — Юсупова З.Ҳ.

ИНСТИТУТИ ГЕОЛОГИЯ, СОХТМОНИ БА ЗАМИНҶУНБӢ ТОБОВАР ВА СЕЙСМОЛОГИЯИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО

“06” 01 соли 2025